**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Кори диссертатсионии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна зери унвони «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва арзишманди адабиёти татбиқӣ бахшида шудааст. Диссертант муштаракот ва умумияти ҳаёт ва осори Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир, бахусус ғазалиёту сонетҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Барои анҷом додани кори арзишманд дар самти равобити адабӣ, пеш аз ҳама, донистани забонҳои хориҷӣ шарт ва зарур аст. Аз ин рӯ, аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар баробари бархӯрдор будан аз забонҳои англисиву русӣ, ҳамчунин заминаи хуби илмӣ-пажуҳишӣ дорад.

Кори пажуҳишии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар асоси таҳлили корҳои олимони ватанию хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир муҳаққиқон ва адабиётшиносон, ба мисли Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, Л.М. Конрад, Н.И. Веселовский, В.М. Жирмунский, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, А. Афсаҳзод, А. Саъдиев, Х. Шарифов, В. Самад, А. Насриддин, А. Satторзода, Ш. Мухтор, Қ. Восеъ, Г. Шукурова, Ҷ. Бобокалонова, Н. Нурҷонов, Ф. Ҷураев, А.Усмонов, М. Зайниддинов, Б. Мақсудов, Ш. Исрофилниё, Г. Шозиёева, М. Раҳимова ва дигарон дар алоҳидагӣ корҳои илмӣ таълиф намудаанд, аммо дар ҳамбастагӣ таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бори нахуст анҷом ёфтааст.

Таҳқиқи осори намояндагони адабиёти ҷаҳон новобаста аз ҳар гуна воқеаҳои иҷтимоиву таърихӣ равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои

ҷаҳонро густариш додааст. Дар ин замина таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир метавонад равобити адабиву фарҳангии минбаъдаи Тоҷикистону Англияро рушд ва ташаккул диҳад. Аз ин рӯ, автореферати пешниҳоднамудаи Ёрбекова Зарина Мардонқуловна ҷанбаҳои зарурии рушди равобити адабиро дар бар мегирад.

Мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад., зеро нуктаҳои матраҳгардида дар кори таҳқиқ тибқи нақша сурат гирифта, ба мавзуи таҳқиқ комилан мувофиқанд. Дар автореферат масъалаҳои назариявию амалӣ мавриди таҳқиқ баррасӣ гардидаанд. Муштаракоти ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир аз назари мавзуъ, ғоя, дарунмояи адабӣ, шаклу мундариҷа ва амсоли инҳо аҳаммияти хуби илмӣ доранд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд:

1. Баъзе таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихӣ, ба мисли зерфасли сеюми боби дуюм хусусияти умумӣ доранд, ба фоидаи кор мешуд, ки саҳми мустақими муаллиф дар онҳо ба таври равшан ҷудо карда мешуд.

2. Агар дар зерфасли «Шухрати ҷаҳонии Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир» роҷеъ ба муҳити адабии Ҳофизи Шерозӣ шарҳи бештар дода мешуд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳаммияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқотии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забон ва адабиёти
руси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Рустамова Г.Р.

«Имзои д.и.ф., профессор Рустамова Г.Р.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,
Тел.: (+992) 234 88 02
E-mail: info@iutet.tj

29.06.2026